ТАСДИҚ МЕКУНАМ
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
_______________ профессор Насриддинзода Э.С.
«_14_» апрели соли 2026

**Нақшаи чорабиниҳои**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 дар бораи татбиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 дар солҳои 2026-2030**

| № | Номгӯйи чорабиниҳо | Мӯҳлат | Иҷрокунанда |
|---|---|---|---|
| | Ба воҳидҳои сохтории Донишгоҳ дастрас намудани нусхаи Нақшаи чорабиниҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 дар бораи татбиқи «Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 дар солҳои 2026-2030» | Апрели соли 2026 | Шуъбаи ҳуқуқ ва шуъбаи бақайдгирии ҳуҷҷатҳо |
| 1. | Тарғибу ташвиқи Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 аз ҷониби воҳидҳои сохтории Донишгоҳ | Мунтазам | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, шуъбаи ҳуқуқ, садорати факултетҳо, Литсейи назди Донишгоҳ, Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳ, Институти илмию таҳқиқотӣ, Парки технологӣ, Клиникаи ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносӣ ва дигар воҳидҳои сохторӣ |
| 2. | Анҷом додани корҳои доимӣ оид ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ дар самти пешгирӣ намудани истифодаи ғайриқонунии неруи барқ ва шарҳу | Мунтазам | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, факултети ҳуқуқшиносӣ, садорати факултетҳои дигар, Литсейи назди Донишгоҳ, Донишкадаи |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | тавзеҳоти тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон | | такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳ, Институти илмию таҳқиқотӣ, Парки технологӣ, Клиникаи ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносӣ ва дигар воҳидҳои сохторӣ |
| 3. | Ташкил ва баргузор намудани мизҳои мудаввар, семинар, тренинг ва суҳбату вохӯриҳо бо омӯзгорону кормандон ва донишҷӯён бо ҷалби мутахассисони соҳавӣ оид ба амалисозии Барномаи барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ва террористидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028 | Мунтазам | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия ва садорати факултетҳо |
| 4. | Ташкили чорабиниҳои маърифатию ҳуқуқӣ бо мақсади бунёди оилаи солим, одоби оиладорӣ ва устувории оила, инчунин одоби муошират, эҳтиром нисбат ба падару модар ва аъзои дигари оила | Мунтазам | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, садорати факултетҳо, Литсейи назди Донишгоҳ ва дигар воҳидҳои сохторӣ |
| 5. | Таҳия ва интишор кардани маводди таблиғотию ташвиқотӣ ва тавассути воситаҳои ахбори омма, сомонаҳои интернетӣ пахш намудани чорабиниҳо вобаста ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, аз ҷумла масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак | Мунтазам | Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, факултетҳои ҳуқуқшиносӣ ва журналистика, садорати факултетҳои дигар, Литсейи назди Донишгоҳ ва Маркази иттилоотӣ-таҳлилӣ |
| 6. | Баргузории чорабиниҳои илмӣ, чоп ва паҳн кардани маводди тарғиботӣ, ки ба тарбияи ватандӯстӣ, боло бурдани эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ ва ҳуввияти миллии ҷавонон мусоидат менамоянд | Мунтазам | Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, садорати факутетҳо ва воҳидҳои сохтории дигар |
| 7. | Баргузории семинару конференсия, мизи мудаввар ва дигар чорабиниҳои хусусияти илмию назариявидошта, ки ба ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ ҳамчун асоси давлатдории миллӣ нигаронида шудаанд | Мунтазам | Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, факултети фалсафа, кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа, садорати факултетҳо ва воҳидҳои сохтории дигар |
| 8. | Тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни хонандагон ва донишҷӯён оид ба арзишҳои давлати ҳуқуқбунёд ва | Мунтазам | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, факултети ҳуқуқшиносӣ, садорати факултетҳои дигар, Литсейи назди Донишгоҳ, Донишкадаи |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | дунявӣ бо мақсади паст кардани омилҳое, ки барои паҳн гардидани ақидаҳои экстремистӣ мусоидат менамоянд | | такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳ, Институти илмию таҳқиқотӣ, Парки технологӣ, Клиникаи ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносӣ ва дигар воҳидҳои сохторӣ |
| 9. | Тақвияти корҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати дарсҳои омодагии ҳарбӣ | Мунтазам | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, шуъбаи назорати сифати таҳсилот, кафедраи умумидонишгоҳии ҳарбӣ ва садорати факултетҳо |
| 10. | Ба роҳ мондани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ (тавассути қабули нақшаҳои алоҳида, таъсиси гурӯҳҳои корӣ) дар робита ба қабули қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид вобаста ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон кардани соли 2027 | Мунтазам | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, факултети ҳуқуқшиносӣ, садорати факултетҳои дигар, Клиникаи ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносӣ ва дигар воҳидҳои сохторӣ |
| 11. | Таъмини иштироки омӯзгорону донишҷӯёни Донишгоҳ дар барномаҳои телевизионӣ доир ба мавзуъҳои гуногуни ҳуқуқӣ | Мунтазам | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, факултети ҳуқуқшиносӣ ва садорати факултетҳои дигар. |
| 12. | Ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои марбут ба баланд бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқӣ, ташкили ёрии ҳуқуқии ройгон ба қишрҳои осебпазири аҳолӣ, хусусан маъюбон, кӯдакон ва занон дар доираи имкониятҳои мавҷуда | Мунтазам | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, факултети ҳуқуқшиносӣ, садорати факултетҳои дигар ва Клиникаи ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносӣ |
| 13. | Гузаронидани таҳқиқоти илмӣ оид ба омилҳои баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон | Соли 2028 | Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, раёсати илм ва факултети ҳуқуқшиносӣ |
| 14. | Гузаронидани мизҳои мудаввар, конференсия, семинар ва вохӯриҳо ҷиҳати пешгирӣ намудани пошхӯрии оилаҳо | Мунтазам | Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, раёсати илм, факултетҳои ҳуқуқшиносӣ ва фалсафа, садорати факултетҳои дигар |
| 15. | Гузаронидани мизҳои мудаввар, конференсия, семинар ва вохӯриҳо дар мавзуъҳои дахлдори ҳуқуқӣ, аз ҷумла афзалият додан ба чорабиниҳо дар самти пешгирӣ намудани ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни аҳолӣ, хусусан байни ноболиғон ва ҷавонон, баланд | Мунтазам | Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, факултети ҳуқуқшиносӣ, садорати факултетҳои дигар, Литсейи назди Донишгоҳ, Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии омӯзгорони |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | бардоштани сатҳи ҳамкории шаҳрвандон бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳо, бахусус дар соҳаи муқовимат ба экстремизм, терроризм, савдои одамон, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ, ки хусусияти фаромиллӣ касб кардаанд | | муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳ, Институти илмию таҳқиқотӣ, Парки технологӣ, Клиникаи ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносӣ ва дигар воҳидҳои сохторӣ |
| 16. | Андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати омӯзиши илмҳои муосир ва забонҳои хориҷӣ, зоҳир кардани таваҷҷуҳ ба масъалаҳои баланд бардоштани ҳисси худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, ифтихори ватандорӣ ва дар рӯҳияи инсонпарварӣ тарбия намудани насли наврас | Мунтазам | Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ, раёсати таълим, факултети фалсафа, садорати факултетҳои дигар, Литсейи назди Донишгоҳ ва дигар воҳидҳои сохторӣ |
| 17. | Натиҷагирӣ ва пешниҳод намудани ҳисобот дар бораи амалисозии бандҳои Нақшаи чорабиниҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 дар бораи татбиқи «Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 дар солҳои 2026-2030» ба раёсати Донишгоҳ | Ҳар шамоҳа | Воҳидҳои сохторӣ ва шахсони масъул |

Муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим — Раҷабзода Ф.К.

Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия — Сафармамадзода С.М.

Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ — Маҷидзода Д.М.

Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ — Ғаффорзода И.Ғ.

Сардори шуъбаи ҳуқуқ — Шерзода Б.С.